*Ба Шӯрои диссертатсионии 6 D.КОА-004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати диссертатсияи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи: “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01-Назарияи иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.**

Вазифаи муҳимми стратегии иқтисоди миллӣ баланд бардоштани суръат ва беҳтар намудани сифати рушди иқтисодӣ мебошад. Дар байни бисёр омилҳои муайянкунандаи шароит ва имкониятҳои рушди иқтисодӣ омилҳои иҷтимой-меҳнатӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Таъсири онҳо дар ташаккули нишондиҳандаҳои арзишии фаъолияти системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилотҳо дар сатҳҳои гуногун, дар давраи ислоҳот, аксаран мақоми дуюмдараҷаро касб намуда, бо меъёрҳои ҷаҳонии муносибати ҷомеа ва тиҷорат, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии суъъектҳои иқтисодӣ ҳамчун асоси рушди босуботи иқтисодиёт, мухолифат менамояд. Дар айни замон, яке сабабҳои асосии монеаҳо ҷиҳати гузариши иқтисодиёти ватанӣ ба роҳи бозории муосир ва рушди иқтисодӣ камаҳммиятдиҳӣ ба нақши афзояндаи омилҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти кишвар, сармоягузориҳои маҳдуд дар рушди инсон ва ба назаррасии дегуманизатсияи (дегуманизация-аз даст додани арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа) соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба шумор меравconfigured. Бинобар ин, зарурияти таъхирнопазири ҳалли масъалаҳо ва имкониятҳои рушди шарикии иҷтимоӣ ва фаъолияти иҷтимоии масъулиятноки субъектҳои ҷумҳурӣ ба миён омад, ки яке аз самтҳои муҳим дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба шумор меравад. Дар он қайд гардидааст: “Ояндаи кишвари мо бетағйир боқӣ мемонад - нигохдории вахдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум.”

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои гузаронидани ислоҳотҳои бозоргонӣ аслан нуқтаи назар ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва хусусияти ташкили

онҳо дар бозорҳои гуногуни меҳнат тағйир ёфт. Ҷанбаҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, пеш аз ҳама ба тағйироти куллии шакли моликият дар кишвар вобаста аст. Ин ба таври қатъи коҳиш додани моликияти давлатӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои моликияти коллективӣ ва хусусӣ ба вуқӯъ пайваст, ки албатта ба бартарафсозии системаи мутамаркази идоракунии иқтисодиёт оварда расонид. Дар ташаккули фаҳмиши нави сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва рушди шарикии иҷтимоӣ, нақши муҳимро институтҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебозанд.

Шарикии иҷтимоии бо муносибатҳои боварӣ ва эмпатия асосёфта хоси системаҳои устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, дар натиҷаи субот ба миён омада, барои нигоҳ доштани он шароит фароҳам меорад ва аслан ба шакли дарозмуддати муносибатҳои шарикӣ нигаронида шудааст. Ин ҷиҳати фаъол намудани раванди сармоягузорӣ дар иқтисодиёт нақши муҳим дорад, ки бо бе самаранок ба роҳ мондани он рушди босифати иқтисодӣ ғайриимкон аст. Рушди устувори иқтисодӣ ва соҳибкории бомасъулияти иҷтимоӣ, воридшавии ихтиёриро ба муносибатҳои шарикӣ ва дар ҳадафу вазифаҳои худ эътироф намудани афзалияти манфиатҳои умумии шариконро пешбинӣ менамояд. Консепсияи масъулияти иҷтимоӣ, айни ҳол танҳо дар қисме аз субъектҳои иқтисодиёти ватанӣ татбиқ мегардад. Идеяҳои корпоратизм, ҳамчун дастоварди муштараки натиҷаҳои иҷтимоидоштаи фаъолияти иқтисодӣ дар асоси тақсимоти одилонаи нақш ва функсияҳои иҷтимоӣ-ташкилӣ миёни шарикон фаҳмида шуда, оҳиста-оҳиста дар маркази диққати фаъолияти иқтисодии корхонаву ташкилотҳо қарор мегирад, ки дар асоси муносибатҳои самараноки иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ манфиатдор ҳастанд.

Ғайр аз ҳолатҳои мусбӣ ва натиҷаҳои муфиди илмӣ, таҳқиқотӣ, дар афтореферати диссертатсия ба чунин камбудиҳо дучор шудан мумкин аст:

1. Механизми тадбиқи шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи кофӣ таҳлил нашудааст.

2. Дар автореферати диссертатсия як қатор камбудиҳои имлои дида мешавад.

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои муайян гардида, ба арзиш ва сифати илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Зеро натиҷаҳои муҳимтарини рисолаи таҳқиқотӣ дар ҳаҷми 7 мақолаи илмӣ баробари 4,67 ҷузъи чопӣ нашр шудаанд, ки маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Дар асоси натиҷаҳои ба даст омада, диссертатсияи унвонҷӯ Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, ки ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, кори анҷомёфта медонам. Ҳамзамон унвонҷӯ Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01-Назарияи иқтисодӣ арзандаю сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**

н.и.и.,и.в, дотсент мудири кафедраи
"МБҒЭ ва энергетикаи ҳарорати ДЭТ"

Раҳимов З.С.

735162,н.Кушониён,ҷамоати шаҳраки
Бохтариён кучаи Н.Хусрав73,тел.
Email: det-tj @mail.ru.w.w.w. ДЭТ

Имзои Раҳимов З.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори ШК ва корҳои махсуси ДЭТ Равшанова М.А.